**ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ**

**номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика Гулов Сангин Нурович ба диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

**Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** соли 2016-ум зинаи бакалавр, соли 2018 зинаи магистратураи факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Рӯзноманигорӣ» хатм намудааст. Мавсуф баъди хатми магистратура таҳсилро дар зинаи докторантура (PhD) идома дода, онро соли 2021 хатм кардааст.

Дар муддати таҳсилу таҳқиқ **Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** худро ҳамчун мутахассиси донишманд, масъулиятноку бомаърифат дар соҳаи таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба рӯзноманигорӣ ва таълиму тарбия нишон дод. Кори диссертатсионии **Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** ҳанӯз аз солҳои нахусти фаъолияти таълимию илмиаш дар кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ зимни хондани маърузаҳои илмӣ ва ширкат дар чорабиниҳои илмӣ дар асоси мисолу намунаҳо сурат гирифта, баъдан заминаи тадқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

**Кори диссертатсионии Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯзноманигории муосир – нақш ва таъсири воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори умум бахшида шудааст.

**Муҳиммияти мавзуи диссертатсия** вобаста ба он аст, ки диссертант бори аввал дар илми рӯзноманигории тоҷик нақш ва таъсири воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори умумро таҳқиқу таҳлил карда, ба нақши расонаи классикӣ – матбуот (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият»), дар ташаккули афкори омма, хусусиятҳои барномасозии телевизион барои таъсир ва ташаккули афкори созанда (дар мисоли барномаҳои

телевизиони «Тоҷикистон»), омӯзиш ва таҳқиқи афкори омма тавассути назарпурсӣ баррасӣ намудааст. Ба ин тарз гузоштани масъалаи баррасишаванда аҳаммият ва арзишмандиро фаро гирифта, барои омӯзишу таҳлили баъзе масъалаҳои раванди таҳқиқи илмӣ ва амалии рӯзноманигорӣ мусоидат менамояд. Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии **Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** ҳамчунин барои шинохти ҳадаф ва вазифаҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма мусоидат карда метавонад.

**Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** зимни иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани тадқиқот ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як тадқиқотгари мулоҳизакор буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм кунад, баррасӣ ва таҳлил намояд ва методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқот муайян созад.

**Саҳми шахсии довталаби** дарёфти дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротн ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо собит менамоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Муқаддимаи диссертатсия дар асоси талабот навиштаву иҷро шудааст. Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор низоми муайяни илмӣ дошта, фаслу бобҳо зина ба зина мавзуъро фаро гирифта аз нигоҳи мазмун ва мантиқ ба якдигар алоқамандӣ доранд. Дар боби якуми диссертатсия **«Телевизион ва нақши он дар ташаккули афкори умум»** роҷеъ ба нақши расонаҳо дар шаклгирии афкори умум, таъсири муборизаҳои иттилоотӣ ба афкори умум, фаъолияти телевизион дар самти шаклдиҳии афкори умум бо овардани далеҳои боэътимод таҳлилу баррасиҳо сурат гирифтааст. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки дар

шароити муосир телевизион дар шаклдиҳии афкори умум нақши муассир дорад. Дар боби дуюм **«ВАО-и ватанӣ ва бунёди афкори созанда»** матбуот василаи аввалини нашру паҳни иттилоот, нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият»), телевизиони «Тоҷикистон» ва махсусияти барномаҳои он дар фазои иттилоотӣ равшанӣ андохта шудааст. Қайд гардидааст, ки аслан нашрияи «Ҷумҳурият» ва телевизиони «Тоҷикистон» барои ташаккули афкори созанда дар бораи ҳифзи арзишҳои миллӣ, таҳкими субот ва истиқлоли миллӣ нақши бештаре доранд. Дар боби сеюм **«Назарпурсӣ – василаи омузиш ва таҳқиқи афкори омма»** назари коршиносон дар бораи нақши расонаҳо дар афкори омма, таъсири расонаҳо дар шинохти аудитория таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва таҳлилии **Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** дар доираи рисолаи илмиаш зери унвони «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» дар 16 **мақолаи илмии нашрнамудаи у, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда** инъикос ёфтаанд. Муҳаққиқ дар якчанд конфронсҳои илмию амалӣ ва назариявии ҳайати профессорону омузгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз доираи мавзуи илмию таҳқиқотиаш маъруза намудааст.

**Муҳтавои диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** ба мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рузноманигорӣ мувофиқ аст.

Дар баробари анҷом додани кори илмию таҳқиқотиаш **Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** фаъолона ба тарғибу ташвиқи сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул шуда, дар матбуоти даврӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ мақолаҳо нашр мекунад. Дар маҷмуъ муҳаққиқ **Давлатализода Хуршед Давлаталиро** метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ – филологӣ (рузноманигорӣ) арзёбӣ ва тавсиф кард, ки метавонад мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузоштшударо уҳда кунад.

Таҳқиқоти диссертатсионии **Давлатализода Хуршед Давлаталиро** бо номи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум»-ро ба тариқи мусбат ва ҳамчун тадқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи телевизион ва
радиошунавонии факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гулов С.Н.

**Нишонӣ:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи
Насимов, бинои 64/10, ҳуҷраи 209.
Телефон: [+992] 935676035
E-mail. gulsang@mail.ru

Имзои Гулов Сангин Нуровичро тасдиқ менамоям:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тамос: (+992 37) 2216225; Факс: 2271510
**E-mail.** info@tnu.tj

«15» 01 соли 2026